# ТАҚРИЗИ

муқарризи расмӣ, доктори илмҳои педагогӣ, профессор Мирзоев Абдулазиз Раҷабович ба диссертатсияи Худойназаров Меҳрожидин Ашӯрович дар мавзуи “Шартҳои педагогии истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим дар ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01– педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ)

Низоми муносибатҳои нави дар муҳити маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вуҷудомада бо тамоми мубрамият талаботи сифатан навро дар назди муассисаҳои таҳсилоти мамлакат ба миён мегузорад. Ташаккули ҷаҳонбинии илмии насли наврас тибқи истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим ва дар сатҳи талаботи бозори меҳнат омода намудани насли наврас яке аз масъалаҳои мубрами низоми маориф ба ҳисоб меравад, ки дар ин самт ҳиссаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мақоми муҳим дорад.

Ба муҳимият ва зарурияти муаммои мазкур аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон эътибори махсус дода шуда, қабул шудани як зумра санадҳои муҳими давлатӣ, аз ҷумла “ Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2030” далели равшан ва возеҳи он аст. Аз ин лиҳоз, интихоби мавзӯъ ва коркарди илмии он аз тарафи Худойназаров Меҳрожидин Ашӯрович дар марҳилаи кунунии рушди маориф ва илми педагогика хеле ҷолиби диққат буда, ба таҳқиқоти мубрам ва доғи рӯз маҳсуб будани он далолат медиҳад.

Рисола аз муқаддима, ду боб, хулоса, феҳристи адабиёт иборат аст.

Дар муқаддимаи рисола аз тарафи муҳаққиқ дараҷаи омӯхта шудани мавзӯъ, зарурати таҳқиқу баррасии муаммои маводи назар, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқоти илмӣ, сарчашмаҳо ва равиши анҷоми кори илмӣ, предмет ва объекти таҳқиқ, инчунин матолиби меҳварии барои дифоъ манзуршаванда ба таври возеҳ шарҳу тафсир ёфтаанд.

Дар боби аввали рисола: “**Асосҳои методологӣ ва назариявии истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим дар рушди ҷаҳонбинии илмии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ”** масъалаҳои: моҳият ва мӯҳтавои технологияҳои инноватсионӣ дар раванди таълими муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ; асосҳои назариявӣ ва хусусиятҳои рушди ҷаҳонбинии илмии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ; сохтори мӯҳтавоии амсилаи истифодаи технологияҳои инноватсионӣ дар рушди ҷаҳонбинии илмии хонандагон баррасӣ гардидаанд. Қайд кардан ҷоиз аст, ки дар ҳалли ин масъалаҳои муҳими назариявӣ муаллиф маҷмӯи муносибатҳо ва диди назариявӣ-методологӣ, ба монанди системанокӣ-шахсиятӣ, фаъолнокӣ ва салоҳиятнокиро истифода бурда, дар муайян кардани манбаъҳои назариявии таҳқиқот муяссар гардидааст. Дар асоси ин муносибатҳо, ва илова бар он бо муносибати нави таҳқиқотӣ-модулӣ муаллиф тавонистааст, ки моҳияти мафҳумҳои “ҷаҳонбинии илмии хонандагон”, масъалаи ошкор намудани шартҳои педагогии истифодаи технологияҳои инноватсионии таълимро дар ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагон ба таври боэътимод асоснок намояд.

Бо назардошти нақши назаррас ва моҳияти муҳими муаммои таҳқиқшаванда муаллиф дар рисола дуруст қайд мекунад, ки таҳлил, таҳқиқ ва омӯзиши масъалаи ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагон бо истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим яке аз вазифаҳои умдаи илмӣ-таҳқиқотие мебошад, ки ба муассисаҳои таълимию тарбиявӣ, алалхусус, ба муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ рабт дорад.

Дар натиҷаи омӯзиши асосҳои илмӣ-назариявӣ ва методологии ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагон, муаллиф имконият пайдо намудааст, ки мавқеъ ва нақши омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии муосирро дар рушди ҷаҳонбинии илмии хонандагон бо истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим муайян намояд ва хулосаҳои асоснок ва пояи муҳими илмиро таҳқиқ кунад.

Ба таври умум, дар ин фасли таҳқиқот унвонҷӯ дар асоси таҳлили теъдоди васеи адабиётҳои педагогию психологӣ доир ба асосҳои методологӣ ва назариявии ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагон б о истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим тибқи дидгоҳи муосири илмӣ имкон пайдо кардааст, то ки моҳият, хусусиятҳои раванд ва шароитҳои дарёфт ва ташаккули малакаву қобилияти хонандагонро дар ин равия дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии муосир ҳамчун масъалаи мубрами психологию педагогии даври имрӯза муайян карда шаванд.

Қайд кардан ҷоиз аст, ки аз тарафи Худойназаров Меҳрожидин Ашӯрович оиди ҷамъбаст ва хулоса намудани донишҳои илмӣ-назариявӣ марбут ба ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагон бо истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим кори ҷиддии назариявӣ гузаронида шудааст.

Дар боби дуюми рисола “**Технологияи педагогии рушди ҷаҳонбинии илмии хонандагон тибқи истифодаи технологияи инноватсионии таълим**” номгузорӣ шудааст, ба таҳқиқи масъалаҳои: таҳия ва истифодаи китоби электронӣ чун воситаи самараноки технологияҳои инноватсионии таълим дар рушди ҷаҳонбинии илмии хонанда; ҷанбаи мухтавоии истифодаи самараноки модулҳои ҷадвалӣ дар рушди ҷаҳонбинии илмии хонандагон; самаранокии мухтавои кори таҷрибавӣ-санҷишӣ оид ба рушди ҷаҳонбинии илмии хонандагон дар асоси истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим дар ҷараёни дарсҳо ва арзёбии натиҷаҳои он бахшида шудааст.

Яке аз ҷузъҳои мусбии корро бо он ишора кардан мумкин аст, ки муаллиф нахуст ба муайян намудани мундариҷаи фаъолияти педагогии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ таваҷҷӯҳ зоҳир намуда, сохтор, субъект ва объекти раванди педагогӣ, нақша-барномаҳои таълимӣ-тарбиявӣ, фаъолияти таълимӣ ва методии он, бо таҷриба ва дастовардҳои педагогон шинос гардида, онро ҳамаҷониба ва

дакиккорона мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор додааст. Натиҷагириҳои муаллиф дар заминаи таҳлили амиқи ин масъала имкон фароҳам овардааст, ки ӯ бо таъкид бар далелҳои қатъӣ ва ишорот бар самараҳои ин пешниҳод ба хулоса меояд, ки дар самаранокии сифати таълим ва рушди ҷаҳонбинии илмии хонандагон бо истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим, усули дарёфт ва ташкили шароитҳои педагогӣ барои ин фаъолият шароити мутаносиби педагогӣ вуҷуд дорад ва он кобили омӯзишу тарғиб аст.

Дар раванди кори таҷрибавию озмоишӣ дар боби дуюми рисола аз тарафи муаллиф шароит ва омилҳои ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагон бо истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим дар асоси дохилкунӣ ва истифодаи шароитҳои педагогии мутаносиб муайян шудааст ва ҳадафи озмоиш гардидааст. Дар асоси ин, бо мақсади ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагон бо истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим дар раванди таҳсилот муаллиф оид ба ворид намудани амсилаи истифодаи технологияҳои инноватсионии таълимро барои ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагон таҳия ва пешбарӣ гардидааст, ки онро ҳамчун навгонии илмӣ ва коркарди усулҳои нави самараноки ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагон ва ноил шудани онҳо ба ҳадафҳои муваффақ дар низоми муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ номбар кард. Бо коркарди бевоситаи муаллиф шаклу усулҳои асосӣ ва воситаҳои истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим дар ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ таҳия ва роҳандозӣ гардидааст.

Боэътимодӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқот, хулосаҳо ва тавсияҳои дар рисола пешниҳод гардида, бо консепсияи илмии педагогӣ, усулҳои назарӣ ва эмперии таҳқиқот, инчунин таҳлили шароит ва натиҷаҳои корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ, тасдиқи нуктаҳои дар фарзияи таҳқикот пешниҳод гардида, истифодаи усулҳои таҳқиқоти илмии ба

вазифаҳои марҳалаҳои асосии тадкиқот мутобиқ ва таҷрибаи амалии муаллиф таъмин гардидааст.

*Аҳамияти назариявии* кори диссертатсионӣ дар он зоҳир меёбад, ки таҳқиқоти мазкур дар самти асоснокии назария ва рушди ғояи муаммо, муқаррар намудани моҳияти шартҳои педагогии ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бо истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим саҳми муайян мегузорад.

*Аҳамияти амалии таҳқиқот* дар он аст, ки - маводҳои дидактикӣ дар шакли адабиёти электронӣ, модули ҷадвалии истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим дар ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагон омода карда шудааст;–дастурҳои методӣ оид ба истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим дар ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагон дар раванди таълим таҳия шудаанд; –натиҷаҳои ҳосилшуда метавонад чун базаи иттилоотӣ барои таҳияи монография ва дастурҳои таълимӣ-методӣ аз рӯи мавзӯи марбут ба ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагон ҳангоми истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим истифода шаванд.

Фарҳанги мутаносиби унвонҷӯ имконият додааст, ки ӯ тибқи шиносномаи ихтисоси 13.00.01-педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) дастгоҳи илмии диссертатсияро таҳия намояд, ки он мавқеи дурусти муаллифро нисбати коркарди консепсияи рисола, хусусиятҳои амалигардӣ ва асоснокии натиҷаҳоро инъикос менамояд.

Дар нуктаҳои ба дифоъ пешниҳодшудаи муаллиф ба таври пурмаъно моҳияти консепсияи ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагон бо истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим дарк карда мешавад. Ба таври умум, консепсия ба қадри кифоя мувофиқ карда шудааст ва эроди ҷиддиро талаб намекунад. Мазмуни асосии он дар бобҳои диссертатсия густурда шуда, мантиқи ифодагардии маводҳои назариявӣ ва тавсифи таҳқиқоти эмпирикиро муайян кардааст. Мантиқи мазкури таҳқиқот ба дарки мавқеи ишғолкардаи илмии муаллиф ва дарки ғояи

асосие, ки ҳамчун пояи базавии коркарди консепсияи педагогии муаллиф гузошта шудааст имконият медиҳад.

Дар қисмати Хулосаи рисола натиҷаҳо ва хулосаҳои таҳқиқоти гузаронидашуда, тавсияҳои мушаххас ва боэътимод оид ба самаранокии шартҳои педагогии истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим дар ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагон ироа гардидаанд. Натиҷагириҳои унвонҷӯ аз он дарак медиҳанд, ки ӯ барои дар амал татбиқ намудани консепсияи назарии хеш дар раванди татбиқи технологияи шартҳои педагогии истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим дар ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ пешниҳодҳои мушаххас аз таҷриба ва озмоишҳои анҷомдода дар ихтиёр дорад ва он метавонад дар раванди корҳои таълимиву тарбиявӣ барои баланд бардоштани самаранокии сифати таълим ва ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагон бо истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим дар низоми муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ саҳми арзишманд гузорад.

Саҳми шахсии муаллиф Худойназаров М.А. дар иштироки бевоситаи ӯ дар марҳалаҳои таҳқиқот: интихоб, таҳия, коркард, банақшагирию асосноккунии мавзуъ, тартиб додани сохтори рисола, муайян кардани мақсаду вазифа ва объекту предмет, ҷустуҷӯ ва дарёфти адабиёти зарурӣ оид ба мавзуи таҳқиқот, ҷамъоварӣ ва мураттабсозии маводи озмоишҳои педагогӣ ва коркарди оморию риёзии онҳо, таҳлил, корбаст ва тарҳрезии натиҷаҳои корҳои озмоишӣ – таҷрибавӣ, таҳия ва нашри мақолаҳои илмӣ, иштирок дар чорабиниҳои илмӣ, ҷамъбасти натиҷаҳои бадастомада ва таҳияи диссертатсия, таҷассум ёфтааст.

**Эрод ва пешниҳод нисбати камбудиҳои мавҷудбуда.**

Бо баробари вуҷуд доштани натиҷаҳои арзишманд ва дастовардҳои илмии назаррас, ки маҳсули фаъолияти пурсамари муаллифи рисолаи мазкур аст, дар рисола баъзе камбудиҳо ва норасоиҳо ба мушоҳида мерасад, ки ба эътибор гирифтани он ба

андешаи мо, барои боз ҳам баланд бардоштани сифати рисола кӯмак мерасонад:

1. Дар рисола мувофиқи мақсад мешуд, ки шакл ва усулҳои ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бо муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ оиди истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим дар ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагон маълумот дода мешуд.
2. Дар таҳқиқот хуб мебуд, ки дар бораи роҳ ва усулҳои омодагии педагогон бо падару модарони хонандагон оиди истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим дар ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагон пешниҳод ва тавсияҳои илмӣ дода мешуд.
3. Дар қисмати корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ, ки маълумоти кифояи оморӣ оварда шудааст, додани эзоҳи пурраи педагогӣ мувофиқи мақсад мебуд.
4. Дар рисола хатогиҳои услубӣ, техникӣ дида мешавад, ки ислоҳи онҳо барои боз ҳам беҳтар намудани сифати он мусоидат менамояд.

Нуктаҳо баёншуда танҳо пешниҳод буда, ҳаргиз арзиши назарӣ ва амалии рисолаи мавриди назарро коҳиш намедиҳад.

## ХУЛОСА

Натиҷаҳои боэътимод, хулосаҳои назариявӣ ва асоснокии корҳои озмоишӣ, ки аз тарафи муаллифи рисола басо дар сатҳи зарурии пойгоҳи илмӣ ба даст оварда шудааст аз моҳияти баланди арзишманди илмӣ доштани диссертатсияи тақризшаванда гувоҳӣ медиҳад.

Дар умум, муаллиф ҳадафҳои гузошташудаи таҳқиқотро пурра ҳал намудааст, хулосаҳо тибқи вазифаҳои пешгузоштаи таҳқиқот асосноканд, мундариҷаи рисола мутобиқи назари мантиқӣ шакл гирифтаанд ва муаллиф соҳиби қобилияти хуби илмофарӣ мебошад.

Натиҷаҳои илмии рисола барои рушди назария ва амалияи илми педагогика саҳмгузор аст.

Мазмуну муҳтавои автореферат бо фишурдаҳои он, ки бо ду забон: тоҷикӣ ва русӣ дар автореферат интишор гардидаанд, мувофиқати

комил бо мундариҷаи рисола дошта, моҳияти корро якҷоя бо интишороти муаллиф, ки дар маҷмӯъ фарогири 8 ададанд, пурра инъикос мекунанд, ки 3 адади он дар маҷаллаҳо ва нашрияҳое, ки аз тарафи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф карда шудаанд, ба чоп расидаанд.

Аз ҷиҳати моҳият ва мазмун диссертатсияи Худойназаров М.А. ба шиносномаи ихтисоси 13.00.01 – педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) мувофиқ аст.

Дар асоси гуфтаҳои болоӣ хулоса кардан мумкин аст, ки диссертатсияи Худойназаров Меҳрожидин Ашӯрович дар мавзуи “Шартҳои педагогии истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим дар ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, кори таҳқиқотии мустақилона анҷомёфтаи илмиву тахассусӣ буда, ба талаботи Низомномаи “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ”- и КОА- и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 таҳти №267 тасдиқ гардидааст, комилан ва пурра ҷавобгӯй буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01-педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) шоиста аст.

**Муқарризи расмӣ:**
доктори илмҳои педагогӣ, профессор, мудири
кафедраи барномасозӣ ва низоми зеҳнии
Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории
Тоҷикистон - Мирзоев Абдулазиз Раҷабович

04.02.2023с.
**Суроға**: 734055, ш. Душанбе, хиёбони Борбад 48/5. **Тел:** (+992 37) 234-88-02;
E-mail: aziz69@mail.ru

*Имзои А.Р.Мирзоевро тасдиқ мекунам.*
*Сардори РК ва КМ Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон* Ҷӯраев Ш.Н.